Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-004-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17).

**ТАҚРИЗ**

ба автореферати рисолаи илмии Бобохонзода Мирзо Ҷаббор дар мавзӯи “Танзими давлатии рақобатпазирӣ дар комплекси агросаноатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ: менеҷмент пешниҳод шудааст.

Дигаргуниҳои иқтисодӣ ба таъмини тараққиёти ҳамаҷониба ва таъмини рақобатпазирии соҳаҳои КАС тавассути бунёди шароитҳои барои инкишофи баробарҳуқуқии шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар деҳот, ташаккулёбии иқтисодиёти бисёрсоҳа, истифодабарии оқилонаи захираҳои замину об нигаронида шудаанд. Аз гуфтаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки таҳқиқи асосҳои илмии танзими давлатии рақобатпазирӣ дар комплекси агросаноатӣ, алалхусус дар партави татбиқи ислоҳоти аграрсаноатӣ дар Тоҷикистон, рушди раванди раванди рақобатпазирӣ ва гузариш аз ҷумҳурии аграрӣ ба кишвари саноатию аграрӣ, ки яке аз самтҳои стратегии иқтисоди миллӣ муайян гардидааст, ниҳоят муҳим, бомаврид ва рӯзмарра ба ҳисоб меравад.

Бинобар ин, мубрамияти мавзӯи интихобнамудаи Бобохонзода Мирзо Ҷабборро барои рушди иқтисоди реалии кишварамон хело баланд ва саривақтӣ арзёбӣ намудан мумкин аст. Зеро тавре, ки муаллиф дар натиҷаи тадқиқот ошкор намудааст, зиёда аз 60-70%-и маҳсулотҳои соҳаи агросаноатӣ воридотӣ буда, боиси аз байн бурдани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ гардида истодааст. Дар ин самт пешниҳодҳои муаллиф хело саривақтӣ аст, аз ҷумла: модели вобастагии баландбардории рақобатпазирии комплекси агросаноатӣ (КАС) аз маблағгузории соҳаҳои КАС ва ММД таҳия карда шуда, муайян шудааст, ки механизм ва самтҳои асосии баландбардории рақобатпазирии КАС, агар дар соҳаҳои он танзими саривақтӣ гузаронида шавад, бахусус зимни фаъолгардонӣ бо маблағгузории дохиливу хориҷӣ дар самти таъмини соҳаҳои КАС, метавонанд асоси рушди устувори иқтисодии Тоҷикистон гарданд (С. 7).

Аз автореферати Бобохонзода Мирзо Ҷаббор ба назар мерасад, ки диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт, иборат аст. Инчунин бо Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти ҶТ, ҷавобгуй будани он аз бандҳои дар автореферат оварда аён аст. Инчунин аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқоти муаллиф аз тадқиқоти назариявию методологии танзими давлатии рақобатпазирӣ дар комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад, ки дар он ақидаҳои мактабҳои иқтисодӣ ва олимони ватанию хориҷӣ дар амал асоснок карда шудаанд.

Ҳамзамон ҷиҳатҳои мусбии дигари кор дар аст, ки муаллиф дар асоси усули индексӣ тағйирёбии ҳосилнокии миёнасолона, инчунин омилҳои таъсиррасон муайян карда шуда, афзуншавӣ (камшавии) ҳаҷми истеҳсол ва вазни қиёсии омилҳои ба он таъсиррасонанда ошкор карда шудаанд (С. 21). Инчунин модели вобастагии вобастагии рушди маблағгузории соҳаҳои КАС бо зиёдшавии ММД таҳия ва коркард карда, вобастагии зиёди онро ошкор намудааст (С. 24), ки аҳамияти хело баланди амалӣ доранд.

Дар баробари аҳамияти назариявӣ, амалӣ ва нуктаҳои муҳим, автореферат аз норасоиҳо низ орӣ нест, ба монандӣ:

1. Хуб мешуд дар оянда муаллиф чунин тадқиқотро дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ гузаронида, ҳолату сабабҳои рақобатпазирии пасти маҳсулотҳои ватаниро дар тамоми онҳо нисбати маҳсулотҳои воридотӣ баррасӣ намояд;
2. Таҷрибаи бойи давлатҳои рубатараққиро овардан лозим аст, дар тадқиқотҳои минбаъда дар самти рушди рақобатпазирии КАС, хусусан таҷрибаи Израилро дар самти рушди инноватсионӣ.

Эродҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии тадқиқоти илмии муаллифро коҳиш намедиҳанд ва ҳамчун тавсия барои баланд бардоштани сифати кор баён гардидаанд.

Дар маҷмӯъ метавон қайд намуд, ки автореферати рисолаи илмии Бобохонзода Мирзо Ҷаббор дар мавзӯи “Танзими давлатии рақобатпазирӣ дар комплекси агросаноатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ: менеҷмент, ба муқarraротҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ: менеҷмент мебошад.

Тақриздиҳанда: доктори
илмҳои иқтисодӣ, профессор
Кошонова М.Р.____________

Суроға: кучаи Нахимов 64/14, ш. Душанбе
Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тел: (+992) 227-30-75
Вебсайт: tgfeu@tgfeu.tj,
Имзои д.и.и., профессор Кошонова М.Р.-ро
Тасдиқ мекунам: Сардори ШК
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди
Тоҷикистон Раҷабов Б.С. ____________

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ